«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДБ ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Шодиён Муҳаммад Султонзода
________________
«_13_» _январи_ ________ 2020 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Забон ва адабиёти тоҷик)**

Таҳқиқи шеваи таълими ҳаёту эҷодиёти суханварон ва мутафаккирони бузурги миллат дар муассисаҳои таҳсилоти кишвар аз масоили муҳими таълиму тарбия ба шумор меравад ва барои баланд бардоштани сифати таълим вобаста ба зинаҳои таҳсил коркарди методикаи таълими ҳар як мавзӯъ ногузир аст. Ба ин маънӣ диссертатсияи тақризшавандаи Мирзоҳомид Саидаҳмадов “Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ” актуалӣ ва айни мудаост. Воқеан, яке аз мавзӯъҳои муҳими ҷомеаи Тоҷикистон шинохтани мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваи босалоҳияти таълими андешаҳои динии ӯст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобҳои худ “Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳҳо”, “Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам”, “Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ» ва “Чеҳраҳои мондагор” дар бораи нақши ин шахсияти бузурги фарҳанги динии миллат батафсил маълумот дода, таъкид мекунанд, ки “Имрӯз замоне фаро расидааст, ки андешаҳо ва ақоиди каломии ин мутафаккири бузург мавриди омӯзиш ва баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор гирад” ва таҳқиқу таълими андешаҳои Имоми Аъзамро “вазифаи шарафмандонаи муҳаққиқони имрӯзу оянда” медонанд.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳои мутаададанд, хулоса ва китобнома иборат аст. Худи унвони бобҳову фаслҳо ва зерфаслҳо бозгӯйи чигунагии сифати диссертатсияанд. Нақшаи кор чунон таҳрезӣ шуда, ки ҳеҷ масъалаи марбут ба мазӯйи таҳқиқ канор намондааст.Сохтори диссертатсия ба хусусият ва характери масъалахои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад.

Дар муқаддима, се боб ва хулоса масъалаҳои назарию амалии мавзӯйи мавриди таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи интихобшуда ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаи таҳқиқ, объекти таҳқиқ, фарзияҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, заминаҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқ, марҳалаҳои тадқиқ, саҳеҳият ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқ,тозагии илмии он, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ мушаххас ифода ёфтаанд.

Боби аввали диссертатсия “Авзои сиёсию динӣ ва фарҳангии замони зиндагии Имоми Аъзам ва шеваи таълими онҳо” ном дошта, дорои се фасл мебошад. Муаллифи диссертатсия бар он андеша аст, ки бидуни донистани замони зиндагии мутафаккир, авзои сиёсию динӣ ва заминаҳои фарҳангии он даврон таълими рӯзгору осор ва андешаҳои ӯ аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд қабл аз баррасии ҳаёт ва эҷодиёти ин ё он суханвар доир ба авзои сиёсию иҷтимоӣ, динӣ ва илмию адабии замони зиндагии ӯ маълумот диҳад.

Дар фасли аввали боби якум, ки “Авзои сиёсию динии замони зиндагии Имоми Аъзам ва шеваи таълими онҳо” унвон дорад, муаллифи диссертатсия бо омӯзиши дақиқи сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва ҷуғрофии асримиёнагӣ ва бо такя ба асарҳои тадқиқотии донишмандони муосир вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва динии замони зиндагии Имоми Аъзамро дақиқ муайян намуда, шеваи таълими онро вобаста ба зинаҳои таълим пешниҳод мекунад.Муаллифи диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки “таълими мақсадноки замони зиндагии Имоми Аъзам заминаи мантиқие барои дарки андешаҳои ӯ муҳайё мекунад, зеро бидуни донистани вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва алалхусус динии поягузори мазҳаби ҳанафӣ дарк ва таълими дурусти он аз имкон берун аст”(Диссертатсия, с.,9). Дар мавриди шеваи таълими авзои сиёсию динӣ ва заминаҳои фарҳангии замони зиндагии Имоми Аъзам М.Саидаҳмадов методи нақлро созгор медонад ва бар он аст, ки ин мавзӯъ бояд ба таври обзорӣ таълим дода шавад.

Дар фасли дувуми боби якум, ки «Заминаҳои динӣ ва фарҳангии пайдоишу тарвиҷи мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваи таълими онҳо» унвон дошта, унвонҷӯ дар ибтидо заминаву омилҳои пайдоиши мазҳаби ҳанафӣ, сабабҳои ривоҷи ин мазҳаб дар кишварҳои мусулмонӣ, алалхусус сарзаминҳои тоҷикнишин таҳқиқ менамояд ва сониян, шеваи таълиму тадриси онро пешниҳод менамояд.

Воқеан, мазҳаби Имоми Аъзам, ки қисмати бештари сокинони Тоҷикистон гаравидаи онанд ва дар ҷаҳон ба сифати “мазҳаби таҳаммулгаро” шуҳрат дорад, дар ривоҷи ислом ва сулҳу субот дар ҷаҳон нақши муассир дорад. Аз таҳқиқи муаллифи рисола маълум

мешавад, мазҳаби ҳанафӣ яке аз муқаддамтарини мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннати ва-л-ҷамоат ба шумор меравад, ки поягузори он фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Имом Абӯҳанифаи Нуъмон (р) мебошад. Мазҳаби Имом Абӯҳанифа дар зодгоҳаш Кӯфа нашунамо ёфта, баъдан дар гӯшаву канори олами ислом паҳн гардид. Ибтидо дар Мисру Шом, билоди Руму Ироқ, Хуросону Мовароуннаҳр ва баъдан то ба Ҳинду Чин расидааст. Унвонҷӯ сабаби аслии майли мардумро ба ин мазҳаб дар он мебинад, ки мусалмонҳо амнияту офиятро дар ин мазҳаб пайдо намуданд ва диданд, ки қонунҳои ин шева ва тарзу услубаш барои оромиши ҷомеа ва дину ойинашон созгор асту онҳо метавонанд бо пайравӣ намудани ин мазҳаб дунё ва ҳам охирати худро обод намоянд. Ҳамин буд, ки зина ба зина ин таълимоти поки мазҳаби Имоми Аъзам (р) дар гӯшаву канори олами ислом пайравон ва ҳаводорони зиёди хешро пайдо намуд.

Нуктаи ҷолиб ва асосӣ он аст, ки муаллифи диссертатсия баъд аз баёни мавзӯъ шеваи таълими онро пешниҳод менамояд. Масалан, ҳангоми таълими мавзӯи номбурда М.Саидаҳмадов методи нақлро созгор медонад ва бар он ақида аст, ки дар нақли муаллим бояд далелҳои мантиқӣ ва санадҳои таърихӣ ба кор раванд, то мавзӯъ дар сатҳи баланди илмӣ ҳаллу фасл шавад. Ба андешаи муаллиф, ҳангоми таълими мавзӯи мазкур дар муассисаҳои олии кишвар, монанди донишкадаи исломӣ методи нақл созгор аст, аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар баробари методи нақл усули суолу ҷавоб бояд ба кор гирифта шавад. Ҳангоми корбурди методи нақл омӯзгор бояд ба чанд нукта таваҷҷуҳ дошта бошад: а) Дар нақли омӯзгор бояд балоғату фасоҳати сухан риоя карда шавад; б) Омӯзгор мавзӯъро то ҷое нақл кунад, ки донишҷӯён ва ё хонандагон завқи гӯш кардану фаҳмидани давоми ҳодисаву воқеаҳоро дошта бошанд. Ин ҳолат имкон медиҳад, хонанда барои қонеъ намудани завқи худ давоми мавзӯъро бомулоҳиза мутолиа намояд ва муҳтавои мавзӯъ дар хотираи ӯ нақш мебандад. Танҳо бо методи нақл кор гирифтани омӯзгор хонандагонро хаста ва дилхунук мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми нақл баррасӣ ва қазовати мавзӯъ имкон медиҳад, ки нақли муаллим ба таҳлили мавзӯъ пайвандад. Методи саволу ҷавоб, ба андешаи муаллифи диссертатсия, беҳтарин методи мустаҳкам кардани дониш хонандагон аз нақли мавзӯъ аст. Суолҳои промлемавии омӯзгор имкон медиҳанд мавзӯъ беҳтару хубтар аз ҷониби хонандагон қабул карда шавад (Диссертатсия,с.,).

Дар фасли севуми боби якум, ки “Масоили таълиму тарбия дар ислом ва методикаи таълими Қуръону суннат дар мактабу мадориси Мовароуннаҳру Хуросон” ном дорад, ба таври мухтасар мақоми

таълиму тарбия дар дини ислом баррасӣ шуда, шеваи таълими Қуръону суннат дар мактаб ва мадрасаҳои асримиёнагии манотиқи тоҷикнишин, аз ҷумла Мовароуннаҳру Хуросон муайян карда шудааст.Бояд зикр кард, ки дар ин масъала китобу рисолаҳои зиёде ба нашр расидаанд, бо вуҷуди ин натиҷае, ки муаллифи диссертатсия аз баррасии ин масъала ба даст овардааст, пояи илмӣ дорад: "Роиҷтарин усули таълим дар мактабҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои миёна ҳамоно усули хониши механикӣ ва қориёна аз ёд кардани матн буд, ки бо вуҷуди нақсу камбудҳо бартарию дастовардҳо низ дошт" (Дис,с.,). Унвонҷӯ дар баробари нишон додани нақси ин шеваи таълим бо такя ба гуфтаи донишмандон бартарию дастовардҳои онро низ бозгӯйӣ мекунад.

Боби дувуми диссертатсия «Методикаи таълими рӯзгор ва шеваи зиндагиии Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит» унвон дошта, аз шаш фасл фароҳам омада, ки ҳар як ба масъалаи мавриди таҳқиқ марбут аст. Дар фасли аввали боби дувум усули таълими зиндагиномаи Имоми Аъзам, муомалаи ӯ бо атрофиён: мардуми авом, баъзе бадхоҳон ва алалхусус ҳокимони замон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, роҳҳои самарабахши таълими ин мавзӯъ пешниҳод шудааст. Муаллифи диссертатсия бо баррасии лаҳзаҳои ибратбахши зиндагии мутафаккири бузург ба ин натиҷа мерасад, ки "рӯзгор ва шеваи зиндагии Имом Абӯҳанифаи Нуъмон (р) оганда аз аҳамияти тарбиявӣ буда, агар дуруст таълим дода шавад, дар камолоти маънавии шогирдон муассир хоҳад буд"(Диссертатсия, с.,).

Дар ин фасли дувуми ин боб, ки «Васиятнома»-и Имоми Аъзам ихтисос дорад, ҳар як фасли он ҷудогона таҳлил шуда, шеваи таълими намунаҳое аз онҳо коркард шудааст. Унвонҷӯ бо баррасии намунаҳое аз ҳар як фасли дувоздаҳгонаи "Васиятнома" бо далелҳои равшан хонандаро ба рукнҳои дини мубини ислом аз нигоҳи усули мазҳаби Имоми Аъзам (р) ошно мегардонад ва усули самараноки таълими онҳоро пешниҳод менамояд. Илова бар ин дар фаслҳои дигари боби дувум шеваи таълими "Андарзнома"-и Имом Абӯҳанифа, тарзу усули тарбияи шогирдон, шеваи таълими андешаҳои шогирдони Имоми Аъзам, ки мазҳаби бунёднамудаи ӯро ривоҷ додаанд, шеваи мунозираҳои мутафаккири бузург бо донишмандони замонаш таҳқиқ шуда, тарзу усули босамари таълими онҳо пешниҳод шудааст.

Боби севуми диссертатсия, ки «Методикаи таълими ақоиди мазҳаби Имоми Аъзам (р)» унвон дорад, аз се фасл иборат буда, дар он ақоиди мазҳаби Абӯҳанифа ибни Собит мавриди баррасӣ қарор гирифта, шева ва тарзу усули таълими он пешниҳод шудааст. Дар фасли якуми ин боб осори мутафаккир доир ба илми калом муайян гардида, шеваи таълими

онҳо коркард шудааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллифи рисола дар мавриди теъдод ва аҳамияти рисолаҳои Имоми Аъзам дар ривоҷи шариати муҳаммадӣ бо таърихнигорон ба баҳс мепардозад, бо далелҳои мантиқӣ андешаҳои баъзе аз онҳоро рад мекунад. М. Саидаҳмадов бо таъйини мақоми рисолаҳои Имоми Аъзам дар ҷаҳони ислом ва нақши онҳо дар рӯзгори мусулмонон, алалхусус мардуми тоҷик, роҳҳои таълими дуруст ва нисбатан осони онҳоро муаррифӣ мекунад. Аз ҷумла дар мавриди шеваи таълими рисолаи «Фиқҳи абсат» менависад: "Азбаски рисолаи «Фиқҳи абсат» ҷавобҳои Имом Абӯҳанифа ба суолҳои шогирдаш Абӯмутеъ рӯйи коғаз омадааст, беҳтарин шеваи таълими он методи суҳбат мебошад. Омӯзгор ҳангоми таълими ин рисола ва ҳамчунин, дар равшан намудани андешаҳои каломии Имоми Аъзам методи суҳбатро ба кор бурда, масъалаҳоро ба тариқи суолу ҷавоб бо шогирдон матраҳ кунад, дарки масъала осон ба даст меояд" (Автореферат, с.,18).

Дар фасли дувуми боби охир андешаҳои ақидатии Имоми Аъзам доир ба масоили шариату имон, алалхусус масъалаи шинохти Худованд мавриди таҳқиқ қарор гирифта, шеваи тадриси босамар ва роҳҳои нисбатан осони дарки он пешниҳод шудааст. Муаллифи диссертатсия вобаста ба шинохти Офаридгор дар ин фасл сифатҳои Худовандро аз нигоҳи Имом Абӯҳанифа (р) баррасӣ намуда, шеваи таълими шинохти ваҳдоният, яккаву ягонагӣ ва поку муназзаҳ будани зоти ақдаси Илоҳӣ аз шарику анбоз пешниҳод мекунад. М.Саидаҳмадов бар он аст, ки омӯзгор бояд ҳангоми таълими мавзӯи шинохти Худованд аз нигоҳи Имоми Аъзам бояд аз методи проблемавӣ истифода барад, зеро саволҳое, ки хусусияти проблемавӣ доранд, шогирдонро ба фикр кардан водор мекунанд. Муаллиф ба тариқи намуна чанд суол пешниҳод мекунад, ки воқеан, хусусияти проблемавӣ доранд.

Фасли севуми боби севум «Услуби фиқҳи Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит (р) ва шеваи омӯзишу таълими усули мазҳаби ӯ» унвон дошта, дар он зарурати омӯхтани илми фиқҳ ва нақши он дар ҳалли мушкилоти динии пайравони мазҳаби ҳанафӣ бо далоили илмӣ собит шуда, шеваи тадриси он пешниҳод шудааст. Ибтидо муаллифи диссертатсия усул ва сарчашмаҳоеро муайян мукунад, ки Имоми Аъзам бо такя ба онҳо мазҳаби хешро бунёд ниҳодааст. Дар ин масъала мусанниф бо такя ба сарчашмаҳо гуфтаи худи Имоми Аъзамро меоварад ва дар асоси он масъаларо ҳаллу фас л менамояд: "Аз Имом Абӯҳанифа (р) ривоят аст, ки мегӯяд: «Ман масоилро аз Қуръон мегирам ва агар дар Қуръон пайдо накардам, ба суннати Расули Худо (с) амал мекунам. Агар он масъаларо на дар Қуръон ва на дар суннат пайдо накардам, ба

қавли саҳоба амал мекунам ва кадом сухане аз саҳобагон дар назарам мувофиқ омад, ҳамонро мегирам ва боқиро мегузорам» (Диссертатсия, с.,..). Мирзоҳомид Саидаҳмадов ҳар ҳафт сарчашмае, ки усули фиқҳи Имоми Аъзам дар асоси онҳо бунёд ёфтааст, як ба як баррасӣ мекунад ва баъд аз ҳалли илмӣ шеваи омӯзишу таълими он сарчашмаҳоро пешниҳод мекунад.

Дар хулоса натоиҷи таҳқиқ ба таври фишурдаи ихчам оварда шудааст. Бояд зикр кард, ки қисматҳои муқаддима ва хулосаи кор низ қобили таваҷҷуҳанд. Он чӣ алоқамандӣ ба ин қисматҳо дорад, муаллиф аз уҳдаи онҳо баромадааст. Теъдоди сарчашмаҳову манбаъҳо ва умуман, адабиёти истифодашуда бо меъёру талаботи рисолаи номзадӣ мувофиқат мекунад. Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи М,М. Саидаҳмадов баъзе норасоиҳоиҳое ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Муаллифи диссертатсия бештар ба ҳалли масъалаҳо диққат дода, дар мавриди методикаи таълими ин масъалаҳо камтар сухан мекунад.
2. Дар ҳалли масъалаҳо сухани муаллифи диссертатсия хеле тӯлонист ва барои исботи як фикр далелҳои зиёде аз сарчашмаҳои гуногун меовараду онҳоро шарҳ медиҳад. Ин амал дар баъзе маврид ҷанбаи педагогии диссертатсияро нисбат ба ҷанбаи методӣ пурқувваттар кардааст. Ба андешаи мо барои исботи андеша аз сарчашмаҳои дараҷаи аввал далел овардан басанда аст.
3. Аз он ҷо, ки мавзӯи мавриди таҳқиқ ба дину мазҳаб тааллуқ дорад, калимоту таъбироти арабӣ хеле зиёд ба кор рафтаанд, ки на ҳар хонанда қобилияти дарки онҳоро дорад.
4. Ҳам дар диссертатсия ва ҳам дар автореферат хатоҳои имлоӣ ва баъзан услубӣ ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Сарфи назар аз ин норасоиҳо, ки бартарафшавандаанд, диссертатсияи Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи “Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ” як таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯст. Фишурдаи рисола, яъне автореферат, мазмуни онро ба таври кофӣ дарбар гирифта, мақолаву дастурҳои чопкардаи муаллиф низ барои шиносондани мазмуну муҳтаво ва аҳдофи рисола басандаю кофист. Арзиши амалии рисола низ аз аҳамияти назарии он сар мезанад ва онро дар навиштани китобҳои дарсӣ доир ба таърихи дини ислом, дастурҳои таълимӣ доир ба методикаи таълим, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, инчунин барои

гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълим ва шинохти таълимоти Имоми Аъзам (р) истифода бурдан мумкин аст. Бинобар ин, диссертатсияи номзадии Мирзоҳомид Саидаҳмадов ҳамчун кори илмии анҷомёфта аз рӯи тахассуси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Забон ва адабиёти тоҷик) сазовор ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носиру Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 12 нафар, «муқобил» нест; қарори № 6, аз санаи 04.01.2020.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи методикаи таълими**
**забон ва адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илми педагогика:** **Маҳмадалиев Саймумин Ғуломович**

**Котиби ҷаласа, омӯзгори кафедра:** **Собиров Лоиқ Сафархонович**

**Эксперт, доктори илми филология,**
**номзади илми педагогика, профессор:** **Муродиён Ҳасан Ғуломзода**

**Имзои С. Маҳмадалиев, Л. Собиров ва Ҳ. Муродиёнро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав:** **Амиршоев Атохоҷа**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**